**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе,
к. Нахимов 64/14)**

# Т А Қ Р И З

**ба автореферати Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити доимотағйирёбанда будани иқтисодиёти ҷаҳон ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои худтаъминкунии озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани иқтидори истеҳсоли ватанӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷударо пешбинӣ менамояд. Дар робита бо ин, дар шароити кунунии иқтисодии кишвар ба ташаккул ва рушди сохторҳои минтақавии яклухти озуқаворӣ, ки асосан аз нишондиҳандаҳои сифатӣ ва микдории худтаъминоти озуқаворӣ муайян карда мешаванд, аҳамияти махсус дода мешавад.

Тибқи таҷрибаи хориҷӣ дар рушди равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ амиқ омӯхта шудааст. Асосан таҷрибаи Русия, ИМА, Фаронса, кишварҳои Аврупои Шимолӣ, Ҷопон ва ғайра таҳлил карда шуданд.

Вобаста ба ин муаллиф бо мақсади мушаххас ва муайян кардани потенсиали сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатии минтақавӣ, вазъи ҷории комплекси агросаноатии минтақаро таҳлил менамояд. Масъалаҳои асосии рушди равандҳои ҳамгироии кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ, ки дорои хусусияти ниҳодӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ мебошанд, баррасӣ карда шуданд. Ҳамчун роҳи асосии рушди ҳамгироии агросаноатӣ, дастгирии давлатиро барои таъсиси модели муассири сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ пешниҳод мекунад. Инчунин ҳангоми интихоб ва муайян кардани шаклҳои оптималии ташкилӣ ва иқтисодии сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатиро дар сатҳи минтақавӣ тавсия дода, марҳилаҳои моделиронии сохторҳои маҷмӯӣ дар комплекси агросаноатӣ қайд намудааст. Роҳҳои ташаккули ҳамгироии агросаноатӣ дар вилояти Хатлон, зеркомплексҳои парвариши пахта, орд ва ширу гӯштро дар ин минтақа дида баромада шудааст.

Дар автореферат новобаста аз зиёд будани ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе норасоиҳои мантиқӣ низ дида мешавад.

1. Муаллифи автореферат маълумоти оморӣ, далелҳои мансуб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои онро хеле фарох ва бо салоҳияти баланд корбарӣ намудааст. Дар натиҷа ҷадвалу расмҳои зиёд пешниҳод намудааст, аммо намунаву мисолҳои амалӣ дар минтақаи Хатлон доир ба баъзе паҳлӯҳои мавзӯи таҳқиқотшуда оварда нашудаанд.

2. Дар автореферат ибораҳо ҳаматарафа раванди таҳқиқотро дар бар нагирифта, такмил металабанд.

Бояд қайд кард, ки чунин камбудиҳои нишондодашуда моҳияти назаряввa амалии корро паст нахоҳанд кард, аммо дар ҳолати ба инобат гирифтани онҳо сифат ва мазмуни кор беҳтар мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертстияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор дониста мешавад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Ҷабборов А.**

734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½
Тел: + (992) 907719353
E-mail: www.ddtt.tj

Имзои д.и.и., профессор А. Ҷабборовро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.